# ТАҚРИЗ

**ба автореферати рисолаи диссертатсионии Қодиров Довар Саидаллоевич дар мавзӯи «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2020 пешниҳод мегардад.**

Рӯй овардан ба зиндагии чеҳраҳои илмӣ, дар воқеъ, ибратомӯз буда, бардошт аз осори онҳо барои ҳар фарди солимфикр дар ҳама даврру замон судманд аст. Яке аз чеҳраҳои илмӣ, ки зиндагӣ ва кору пайкораш сабақомӯз аст, узви вобастаи АИ ҶТ, профессор Ҳақназар Назаров мебошад. Мавсуф аз зумраи муаррихоне мебошад, ки метавон ӯро бо маҷмӯи асарҳои таълифнамудааш дар радифи ходимони барҷастаи илми шарқшиносии классикӣ – академикҳо З.Ш.Раҷабов, А.М.Мирзоев, М.С.Андреев, А.Ю.Якубовский, А.П.Окладников, А.А.Семёнов, В.М.Массон, Р.Т.Ахрамович, Б.Искандаров гузошт. Махсусан, хизмати ӯ дар омӯзиши таърих у фарҳанги Афгонистон ва Осиёи Марказӣ лоиқи ситоиш ва таҳсин аст. Бояд иқрор шуд, ки мавзӯи диссертатсионӣ таҳти унвони «Саҳми Ҳақназар Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афгонистон» мубрам буда, даст задани муҳаққиқи ҷавон, Д.С.Қодиров ба он иқдоми хайр аст. Омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон аз дер боз таваҷҷуҳи муҳаққиқони дохил ва хориҷи кишварро ба худ ҷалб намудааст. Дар баробари дигар муҳаққиқони соҳа Ҳ.Назаров низ ба омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон мароқ зоҳир намуда, сайъ намудааст, ки чун як воқеанигор ба равандҳое, ки дар таърихи ин сарзамин сар задаанд, холисона баҳо диҳад.

Мубрамияти мавзӯъро унвонҷӯ бо далелҳои қотеъ ва боэътимод асоснок намудааст. Аз фишурдаи рисола бармеояд, ки диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти дар он истифодашуда иборат мебошад. Унвонҷӯ кӯшиш ба харҷ додааст, ки рисолаи илмиро бо услуби нигориши илмӣ таҳия намуда, марҳилаҳои

асосии фаъолияти илмии Ҳақназар Назаровро дар таҳқиқи таърих ва фарҳанги Афғонистон бо тартиби замонӣ нишон диҳад.

Дар сарсухан ба таври муназзам саҳми профессор Ҳ.Назаров дар омӯзиши таърих ва фарҳанги Афғонистон муайян гардида, дараҷаи омӯзиши ҳаёт ва фаъолияти илмии ӯ мушаххас шудааст. Асосҳои назариявии рисолаи диссертатсиониро осори олимони барҷастаи ватанӣ ва хориҷӣ ташкил додаанд, ки ба таърих ва фарҳанги Афгонистон бахшида шуда, барои пешбарии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои рисоланигор мусоидат менамоянд. Боистаи зикр аст, ки нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои муаллиф дар рисола, барои таъмини сулҳу суботи Афғонистон низ дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Унвонҷӯ дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки ба масъала аз нигоҳи тоза бархурд намояд ва ба гумони мо дар ин самт муваффақ ҳам шудааст. Дар умум мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ пурра ва ҳаматарафа таҳлил шуда, вазифаҳои дар назди худ гузоштаи диссертант ҳалли худро ёфтаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар фишурдаи рисола баъзе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад. Ин ғалатҳо ба ҳеҷ гоҳ қиммати илмии рисолаи илмро коҳиш намедиҳад.

Диссертатсияи таълифшуда ба Дастурамал «Оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PHD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст ва бандҳои 10-16-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри оли 2016, таҳти №505 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Мавзӯи таҳқиқот ва фишурдаи рисола ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, дар сатҳи баланд таҳия гардидааст ва муаллифи он

Қодиров Довар Саидаллоевич сазовор ба унвони дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

**Муқарриз:**
мудири кафедраи таърихи умумии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
номзади илмҳои таърих, дотсент: Алимов Д. Х.
**Тел:** (+992) 919363544.
**e-mail:** adavlatali@mail.ru

«Имзои Д.Х. Алимовро тасдиқ мекунам»
Сардори шуъбаи кадрҳои ДДБ
ба номи Носири Хусрав: Амиршоев А. А.

**Суроға:**
735140, ш. Бохтар, к. Айнӣ, 67.
ДДБ ба номи Носири Хусрав.
**Тел.:** (+992- 3222) 2-45-20, 2-22-53
**e-mail:** ktsu78 @mail.ru